***Комсомоли Тоҷикистон,***
***1966, 20 март***

## НАВРӮЗ ЧИСТ?

**НАВРӮЗ** - аз идҳои қадимтарин ва бузургтарини халқист. Дар тадқиқу таҳқиқи он адибону олимон «Наврӯзнома»-ҳои зиёде навиштаанд ва ё дар зимни асаре оид ба ин масъала таваққуф кардаанд.

Мо дар поён порчаеро аз асари нависанда ва олими бузурги тоҷик Абӯрайҳони БЕРУНӢ (976-1049) - «Тафҳим» дар хусуси Наврӯз ба диққати хонандагони гиромӣ айнан пешкаш мекунем.

«Нахустин рӯз аст, ки фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат РӮЗИ НАВ ном карданд, зеро ки пешонии Соли Нав аст. Ва он чи аз паси ӯст, аз ин панҷ рӯз ҳама ҷашнҳост. Ва шашуми фарвардинмоҳ НАВРӮЗ бузург доранд, зеро ки Хусравон ба  - дон панҷ рӯз ҳаққҳои ҳашам (чокарону хидматгорон) ба гурӯҳон бигузорандандӣ ва ҳоҷатҳо раво кардандӣ. Он гоҳ ба - дин рӯзи шашум хилват кардандӣ хосагонро».

**Ба чоп ҳозиркунанда**
**Раҳим Мусулмонқулов**